# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ - ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОӢ

***« ... Дар ин замина, ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.»***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,
28.12.2023 ш.Душанбе

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократи ва иҷтимоӣ эълон гардида, уҳдадор шудааст, ки барои ҳар як шаҳрванд шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварад. Аз ҳамин сабаб ҳалу фасли масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии мамлакат мебошад. Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумат масъалаҳои ҷавонон ва ба боло бурдани фарҳанги миллӣ дар мадди аввал меистад. Ба туфайли ғамхориҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низомҳои хоси бо таҳсил дар дохилии мамлакат ва хориҷӣ кишвар фаро гирифтани ҷавонон ташкил карда шудааст.

Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки ҷавонон бар асари таҳаввулоти азими иқтисодию иттилоотӣ, фарҳанги миллӣ аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ, менталитет, фарҳанги рӯзгор бо суръат дигар шуда истодаанд.

Вазъи имрӯза вобаста бо тундравии ҷавонон аз он шаҳодат дорад, ки агар дар солҳои 90- ум тундравии ҷавонон таҷовузгарона буданд, ҳоло бошад аз нофаҳмӣ ва ноогоҳию бехабарӣ аз фарҳанги миллӣ, паст будани сатҳи маърифатӣ, надоштани дониши сиёсӣ, надоштани мавқеъ дар оила ва ҷомеа, нокомиҳои иқтисодӣ, тангдастиҳои рӯзгор, чудошавии инсонҳо омилиҳои дигари гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ мебошанд. Онҳо ба дасисаҳои дастгоҳҳои иттилоотӣ бовар карда ба чунин гурӯҳҳо шомил шуда бо фикру ақидаҳои хеш ба ин самт ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонда онро ноором месозанд. Бо мақсади баргардондан аз ин роҳ воситаҳои гуногуне мавҷуданд, ки садди роҳи онҳо мешаванд. Барои пешгири намудани ин зуҳуроти номатлуб институтҳои сиёсии ҷомеа ва ҷомеаи шаҳрвандиро лозим аст, ки баҳри решакан кардани ин падидаи носолим дар якҷоягӣ ҳамкориҳои густурдаеро роҳандозӣ намоянд. Аз ин лиҳоз ташкил кардани системаи боэътимоди муқовимат ба терроризм ва

экстремизм, амали намудани чорабиниҳои огоҳкунӣ, мустаҳкам кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омодагӣ ва такмили ихтисоси кадрӣ, таъминот бо воситаҳои моддию техникаи муосир, ҷалби сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар пешгири намудани фаъолияти гурӯҳҳои ифродгароӣ мебошад.

Ҷаҳон то рафт ба суӣ ягонагӣ ва дар робитаи байниҳамдигарӣ майл карда ба глобуалӣ шудани масъалаҳои муҳими ҳастии инсон оварда расонида истодааст.Ҷаҳоншави монеаҳои байни дохилию баррасиро руфта мепартоянд, ки ин аз даст додани мавқеи пештара, азнавсозии ҳама гуна низомҳои анъанавии байналмиллалӣ ва дар тағйироти таркиби сохторҳои дохилаи ҷоришавӣ бо зидиятҳо рӯ ба рӯ шудан аст.

Дар замони муосир таҷдиди назар кардан ба раванди бонизоми таълиму тарбияи насли ҷавонон ,аҳамияти бузург дорад. Моро зарур аст, ки дар баробари омӯхтани илмҳои дунявӣ – табиатшиносӣ, забонҳои хориҷӣ, ва технологияи навин, аз таърихи дин воқиф бошем, ҷавонону наврасон доир ба динҳои ҷаҳонӣ маълумотҳои кофӣ дошта бошанд. Ҳаминро бояд таҳкид намуд, ки ноогоҳии наврасону ҷавонон аз арзишҳои миллӣ, гирифтори дассисаҳои гурӯҳҳои ифротгароӣ мешаванд.

Дар шароити ҳозираи рушди мустақилонаи тамоми анъана ва расму оинҳои таърихи кӯҳнаи худро бунёди давлати навин ва эъмори ҷамеаи шаҳрвандӣ кардан лозим аст. Дар пояи густаришҳои фаъоли ҷомеаи имрӯза фарҳанги миллӣ, ки ба анъанаҳои таҳаммулпазирӣ, созандагӣ, илмпарварӣ ва ахлоқи ҳамидаи маърифатӣ дорад, ташвиқу тағриб намудани хислатҳои хуби инсонӣ ва дар ин хусус тарбияи ҷавонону наврасон ба комёбиҳо ноил шудан аст.

**Сафаров Муҳаммад** - мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон